# INTOSAI-P20

## Принсипҳои шаффофият ва ҳисоботдиҳӣ

*Стандартҳои байналхалқии мақомоти олии аудит (ИНТОСАИ) аз ҷониби ташкилоти Байналмилаллии мақомоти олии аудит (ИНТОСАИ), дар доираи эъломияи касбии қабул карда шудааст. Барои гирифтани маълумоти иловагӣ ба вебсайт www.issai.org нигаред.*

INTOSAI

INTOSAI, 2019

1) Пештар ҳамчун ISSAI 20 маъмул буд.
2) Соли 2013 тасдиқ карда шудааст.
3) Бо таъсиси Системаи эъломияи касбӣ (IFPP), ба INTOSAI-P 20, бо таҳрири ислоҳкунӣ дар соли 2019 ивази ном кардааст.

ISSAI P-20 бо ҳамаи забонҳои расмии ИНТОСАИ: арабӣ, англисӣ, французӣ, олмонӣ ва испанӣ дастрас аст.

# Мундарича


**МУҚАДДИМА** **4**

Мақсад ва вазифаҳо 4

Консепсияи ҳисоботдиҳӣ ва шаффафият 5

**ПРИНСИПҲО** **6**

ПРИНСИПИ 1 6

ПРИНСИПИ 2 6

ПРИНСИПИ 3 7

ПРИНСИПИ 4 8

ПРИНСИПИ 5 8

ПРИНСИПИ 6 8

ПРИНСИПИ 7 9

ПРИНСИПИ 8 10

ПРИНСИПИ 9 11

# 1

Муқаддима

## Мақсад ва вазифаҳо

Ҳадафи ин ҳуҷҷат пешбурди принсипҳои шаффофият ва ҳисоботдиҳии мақомоти олии аудит (минбаъд - МОА) мебошад, то онҳо тавонанд бо ташкилоти худ дар ташкили идоракунӣ ва усулҳои кории худ намунаи ибрат бошанд. МОА як қисми системаи умумии ҳуқуқӣ ва конститутсионии кишвар мебошанд ва ба сохторҳои мухталиф, аз ҷумла мақомоти қонунгузорӣ ва ҷамъият ҳисобот медиҳанд. МОА инчунин барои банақшагирӣ ва иҷрои ӯҳдадориҳои худ, истифодаи усулҳо ва стандартҳои мувофиқ барои таъмин намудани принсипҳои ҳисоботдиҳӣ ва шаффофияти ҳукумат, инчунин иҷрои вазифаҳо ва ӯҳдадориҳои онҳо ба пуррагӣ ва объективона масъул мебошанд.

МОА вазифаи душворе дорад - баланд бардоштани дарки нақш ва вазифаҳои он дар байни аҳолӣ ва инчунин дар сохтори ҳокимияти иҷроия. Мувофиқи ваколати МОА ва санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки фаъолияташонро танзим мекунанд, маълумот дар бораи МОА бояд дастрас ва асоснок бошад. Равандҳо, фаъолият ва натиҷаҳои санҷиши МОА бояд шаффоф бошанд. МОА инчунин бояд бо ВАО ва дигар ҷонибҳои манфиатдор ошкоро дар тамос бошанд ва дар арсаи ҷамъиятӣ нақши назаррас дошта бошанд.

Ҳуҷҷати мазкур қисми ҷудонашавандаи чаҳорчӯбаи эъломияи касбии INTOSAI буда, принсипҳои он тибқи стандартҳои муқарраршуда истифода мешаванд.

МОА дар доираи салоҳиятҳои гуногун ва шаклҳои гуногуни ташкилӣ фаъолият мекунанд. Гумон меравад, ки ин принсипҳо барои ҳамаи МОА-ҳо якхела нестанд - аммо онҳо барои роҳнамоӣ кардани ҳадафи шаффофият ва ҳисоботдиҳӣ равона шудаанд.

## Консепсияҳои ҳисоботдиҳӣ ва шаффофият

Принсипҳои волоияти қонун ва демократия заминаи муҳим барои мустақилият ва ҳисоботдиҳии аудити давлатӣ мебошанд. Онҳо инчунин асоси Эъломияи Лима мебошанд. Мустақилӣ, ҳисоботдиҳӣ ва шаффофияти МОА-ҳо шарти зарурии демократияест, ки бар принсипи қонун асос ёфтааст ва ба МОА имкон медиҳад, ки намуна нишон диҳанд ва эътибори худро дар кори худ мустаҳкам кунанд.

Ҳисоботдиҳӣ ва шаффофият ду унсури муҳими идоракунии самаранок мебошанд. Шаффофият як қувваи тавоное мебошад, ки ба таври доимӣ истифода бурда шуда, метавонад ба мубориза бо фасод, такмили идоракунӣ ва масъулият мусоидат кунад.

Ҳисоботдиҳӣ ва шаффофиятро ҷудо кардан осон нест: ҳарду принсип як амалро дарбар мегиранд, масалан, ҳисоботҳои МОА дар бораи кори худ дар назди мардум.

Консепсияи ҳисоботдиҳӣ бо системаи ҳуқуқӣ ва ҳисоботдиҳӣ, сохтори ташкилӣ, стратегия, тартибот ва амалҳо алоқаманд аст, ки:

• МОА масъулияти худро дар доираи ваколати муқаррарнамудаи қонун ҳангоми пешниҳоди ҳисобот дар доираи буҷети худ бо риоя намудани талаботи пешниҳоди ҳисобот иҷро мекунад;

• баҳодиҳӣ ва мониторинги натиҷаҳои фаъолияти МОА, ҳамчунин натиҷаҳои санҷиши аудитории худ;

• ҳисоботи МОА дар бораи қонуният ва самаранокии истифодаи маблағҳои буҷет, аз ҷумла амалҳо ва фаъолиятҳои худ ва истифодаи захираҳои МОА;

• қобилияти ба ҷавобгарӣ ҷалб намудани сардори МОА, аъзоён (дар сохтори коллегиалии МОА) ва кормандони МОА барои амалҳои онҳо;

Шаффофияте, ки  ба ҳисоботи саривақтӣ, эътимоднокӣ, дақиқ ва дахлдори МОА дар назди аҳолӣ дар бораи кор, мақом, ваколат, стратегия, иҷроиш, идоракунии молиявӣ, амалиёт ва 5 натиҷа дахл дорад. Ғайр аз он, он дорои уҳдадорӣ оид ба ҳисоботдиҳӣ дар бораи натиҷаҳо ва андешаҳои аудиторӣ ва ӯҳдадории таъмини дастрасии омма ба иттилоот дар бораи МОА мебошад.

# 2

## Принсипҳо

## ПРИНСИПИ 1

**МОА масъулиятҳояшонро дар чаҳорчӯбаи ҳуқуқӣ, ки масъулият ва шаффофиятро таъмин менамояд, иҷро мекунад**

• Барои МОА, бояд системаи қонунҳо ва дастурамалҳо вуҷуд дошта бошанд, ки дар доираи он МОА-ҳо ҳисоботдиҳанда ва масъул мебошанд;

• Ин меъёрҳои қонунгузорӣ ва қоидаҳо одатан (1) ваколат, салоҳият ва масъулияти мақомоти аудиториро дар бар мегиранд; (2) шартҳои таъин ва қатъ намудани ваколатҳои роҳбарони МОА ва аъзои коллегияҳои МОА; 3) талабот ба идоракунии ҳаррӯза ва идоракунии молиявии МОА; (4) нашри даврии ҳисоботи аудитӣ; (5) тартиби назорати фаъолияти МОА; (6) баробарӣ байни дастрасии ҷамъиятӣ ба иттилоот ва махфияти манбаҳои ибтидоии аудит ва дигар маълумоти МОА.

## ПРИНСИПИ 2

**МОА ваколатҳо, вазифаҳо, ҳадафҳо ва стратегияи худро ба таври оммавӣ интишор мекунанд.**

• МОА ваколатҳо, вазифаҳо, сохтори ташкилӣ, стратегия, робита бо тарафҳои гуногуни манфиатдор, аз ҷумла мақомоти қонунгузорӣ ва иҷроияро ба таври оммавӣ интишор мекунанд.

• Шартҳои таъин намудани роҳбарони МОА, инчунин аъзои МОА коллегиалӣ, барқарор кардан, ба истеъфо рафтан ва аз вазифа озод кардан бояд ошкоро эълон карда шаванд.

• МОА ҳавасманд мекунанд, ки барои дастрасии омма маълумоти асосӣ дар бораи салоҳият, масъулият, вазифаҳо, стратегияҳо ва фаъолиятҳо бо забони расмии кишварҳояшон ва инчунин бо яке аз забонҳои расмии INTOSAI дастрас кунанд.

## ПРИНСИПИ 3

**МОА стандартҳо, тартиб ва методологияи аудити объективӣ ва шаффофро қабул мекунанд.**

• МОА стандартҳо ва методологияро қабул мекунанд, ки ба Принсипҳои асосии аудити INTOSAI 100, ки дар чаҳорчӯбаи стандартҳои байналмилалӣ барои мақомоти олии аудити таҳия шудаанд, мувофиқат мекунанд.

• МОА дар бораи ин стандартҳо ва методологияҳо ва чӣ гуна ин лоиҳаҳоро МОА иҷро мекунад, маълумот медиҳад.

• МОА дар бораи фаъолияти аудитории худ ва чӣ гуна татбиқи баҳодиҳӣ ва банақшагирии хавфҳо маълумот медиҳанд.

• МОА ба ташкилоти санҷидашаванда меъёрҳоеро пешниҳод менамоянд, ки дар асоси он, МОА фикру мулоҳизаҳои худро асоснок мекунанд.

• МОА ба ташкилоти санҷидашаванда дар бораи ҳадафҳо, методҳо ва натиҷаҳои аудит хабар медиҳад;

• Дар робита ба натиҷаҳои аудити МОА, тартиби пешниҳоди мулоҳизаҳо ва тавсияҳо дар заминаи муҳокима ва посуххҳои шунаванда вуҷуд дорад.

• МОА дорои механизми самараноки пайгирӣ ва назорат оид ба тавсияҳои худ мебошад, то ки эътибори вокуниши ташкилотҳои санҷидашаванда ба тавзеҳот ва тавсияҳои ҳам МОА ва қонунгузор мавҷуд бошад (INTOSAI-P 10, Эъломияи Мексика дар бораи мустақилияти МОА, Принсипи 7).

• Дар доираи тартиботи МОА оид ба мониторинги иҷрои тавсияҳои онҳо, ташкилотҳои санҷидашаванда барои пешниҳоди маълумот дар бораи амалҳои ислоҳӣ ё сабабҳои иҷро накардани ин амалҳо имконият доранд оиди чораҳои қабулнамудаашон доир ба ислоҳи онҳо ва сабабҳои онҳо маълумот диҳанд;

• МОА-ҳо бояд системаи дахлдори таъмини сифатро барои фаъолияти аудиторӣ ва ҳисоботии худро ҷорӣ кунанд ва тартиби баҳодиҳии мунтазами мустақилии ин системаро муқаррар намоянд.

## ПРИНСИПИ 4

**МОА стандартҳои касбии якпорчагӣ ва этикаи кормандонро дар ҳама сатҳҳо муқаррар мекунанд**

• МОА дорои кодексҳои ахлоқӣ, меъёрҳо, методология ва сиёсат оид ба татбиқи онҳо мебошанд, ки ба ISSAI 30 Кодекси этикӣ мувофиқанд ва мутобиқи стандартҳои байналмилалии муассисаҳои олии аудит таҳия шудаанд.

• МОА низоҳои дохилии манфиатҳо ва фасодро пешгирӣ мекунад ва шаффофият ва қонунияти фаъолияти онҳоро таъмин менамояд.

• МОА-ҳо дар таъмини рафтори ахлоқӣ дар сохтори худ фаъолона ширкат меварзанд.

• Талаботи ахлоқӣ ва масъулияти (ӯҳдадориҳои) аудиторҳо, магистратҳо (мутобиқи модели судии МОА), шахсони мансабдори давлатӣ ва дигарон дастраси омма мебошанд.

## ПРИНСИПИ 5

**МОА -ҳо кафолат медиҳанд, ки принсипҳои ҳисоботдиҳӣ ва шаффофият ҳангоми хидматҳои аутсорсинг ба эҳтиёҷоти онҳо риоя карда мешаванд.**

• МОА -ҳо кафолат медиҳанд, ки принсипҳои ҳисоботдиҳӣ ва шаффофияти қарордодҳо ҳангоми харид риоя карда шаванд.

• Гузаронидани (аутсорсинг) функсияҳои санҷиш ва аудит ба дигар ташкилотҳои сеюм, ташкилотҳои давлатӣ ё хусусӣ, масъулияти МОА буда, ба ахлоқ (алахусус дар робита бо ихтилофи манфиатҳо), инчунин мукаммалӣ ва мустақилият дахл дорад.

## ПРИНСИПИ 6

**МОА фаъолияти худро тибқи қонун ва қоидаҳо аз ҷиҳати иқтисодӣ самаранок, муассир идора мекунанд ва дар ин бора ошкоро ҳисобот медиҳанд**

• МОА-ҳо усулҳои боэътимоди идоракунӣ, аз ҷумла назорати дахлдори дохилиро аз болои идоракунии молиявӣ ва амалиётии онҳо доранд. Усулҳои мазкур метавонад аудити дохилӣ ва инчунин дигар чорабиниҳоро дар бар гирад.

• Ҳисоботи молиявии МОА дастраси омма аст ва тавассути аудити берунаи мустақил ё аудити парламентӣ тафтиш карда мешавад

МОА дар ҳама соҳаҳои фаъолияти худ, аз ҷумла аудити молиявӣ, санҷишҳои мувофиқат, функсияҳои судӣ (агар МОА дорои ташкилоти судӣ бошад), санҷишҳои иҷро, баҳодиҳии барномаҳои давлатӣ ва фикру мулоҳизаҳо оид ба фаъолияти ҳукумат баҳо дода, ҳисобот медиҳанд.

• МОА малака ва тахассуси кормандони худро барои иҷрои кори мувофиқ, ноил шудан ба ҳадафҳо ва иҷрои ӯҳдадориҳо дастгирӣ ва рушд медиҳад.

• МОА буҷаи умумии худро нашр мекунанд ва дар бораи сарчашмаҳои маблағгузории онҳо (маблағҷудокунии парлумонӣ, фондҳои давлатӣ, маблағҳо аз вазорати молия ё агентӣ, пардохтҳо) ва чӣ гуна ин маблағҳо истифода шуданд гузориш медиҳанд

• МОА-ҳо оид ба самаранокӣ ва самарабахшии истифодаи пули нақд баҳо медиҳанд ва ҳисобот медиҳанд.

• МОА инчунин метавонанд комиссияҳои  аудиториро, ки аксар аудиторони мустақилро

дар бар мегиранд, истифода баранд, то идоракунии молиявӣ ва ҳисоботи худро санҷанд ва баррасӣ кунанд.

• МОА метавонанд нишондиҳандаҳои самаранокии фаъолиятро барои арзёбии сифати фаъолияти аудитории худ барои парлумон, шаҳрвандон ва дигар ҷонибҳои манфиатдор истифода баранд.

• МОА-ҳо шаффофияти ҷамъият, натиҷа ва таъсири кори худро тавассути робитаҳои берунии ҷамъиятӣ назорат мекунанд.

## ПРИНСИПИ 7

**МОА дар бораи натиҷаҳои санҷишҳои худ ва инчунин дар бораи андешаҳои худ оид ба фаъолияти ҳукумат ошкоро ҳисобот медиҳанд.**

• МОА хулоса ва тавсияҳои аудитории худро аз рӯи натиҷаҳои аудит интишор мекунад, агар онҳо мутобиқи қонунгузории махсус ва дигар санадҳо махфӣ набошанд.

• МОА дар бораи амалҳои аз ҷониби объектҳои санҷидашаванда дар асоси тавсияҳои МОА гузориш медиҳад.

• МОА дар як ташкилоти судӣ дар бораи муҷозот ва ҷаримаҳое, ки ба шахсони мансабдор ё муҳосибон масъуланд, гузориш медиҳад.

• МОА инчунин дар бораи натиҷаҳои умумии фаъолияти аудитории худ, яъне дар бораи иҷрои умумии буҷаи давлатӣ, вазъи молиявӣ ва амалиёт, ҳолати умумии идоракунии молиявӣ ва дар сурати зарурат қонунгузорӣ дар бораи қобилияти касбӣ пешбинӣ шуда бошад, ошкоро ҳисобот медиҳанд.

• МОА бо кумитаҳои дахлдори парлумонӣ барои хубтар фаҳмидани гузоришҳо ва ҳисоботҳои аудит аз ҷониби онҳо ва барои иҷрои онҳо чораҳои мувофиқро меандешанд

## ПРИНСИПИ 8

**МОА фаъолиятҳо ва натиҷаҳои санҷишҳои худро ба таври саривақтӣ ва васеъ дар ВАО, вебсайтҳо ва дигар воситаҳо интишор мекунад.**

• МОА ба таври мустақим дар бораи фаъолият ва натиҷаҳои аудити худ ба васоити ахбори омма ё дигар ҷонибҳои манфиатдор маълумот медиҳад ва онҳо дар арсаи мардум

намоён аст.

• МОА таваҷҷӯҳи ҷамъиятӣ ва илмиро барои бозёфтҳо ва хулосаҳои назарраси худ ҷалб менамояд ва пеш мебаранд

• Хулосаҳои мухтасари ҳисоботи аудитӣ ва қарорҳои суд илова бар забони давлатӣ дар яке аз забонҳои расмии INTOSAI дастрас мебошанд.

• МОА-ҳо санҷишҳоро саривакт оғоз мекунанд ва мегузаронанд ва ҳисоботи мувофиқ омода мекунанд. Шаффофият ва ҳисоботдиҳӣ такмил дода мешаванд, агар санҷиши аудиторӣ ва иттилооти ба онҳо алоқаманд аҳамияти худро гум накунанд.

• Ҳисоботҳои МОА дастрасанд ва барои ҷомеа фаҳмо мебошанд (дар шакли маълумотномаҳо, графикҳо, презентатсияҳои видео, пресс-релизҳо омода шудаанд).

## ПРИНСИПИ 9

**МОА таҷрибаи берунӣ ва мустақилро барои беҳтар кардани сифат ва эътимоднокии кори худ истифода мебаранд.**

• МОА стандартҳои байналмилалии муассисаҳои олии аудиториро риоя мекунанд ва кӯшиш мекунанд, ки омӯзиши мунтазамро оид ба истифодаи тавсияҳо ва таҷрибаи шахсони сеюм таъмин кунанд.

• МОА ҳуқуқ доранд барои баҳодиҳии мустақили фаъолияти онҳо ва сатҳи татбиқи стандартҳои муқарраршуда дархост пешниҳод кунанд. Бо ин мақсад, МОА метавонанд санҷишҳои «аз рӯи мақом баробар»-ро ташкил кунанд.

• МОА ҳуқуқ доранд мутахассисони беруниро барои гирифтани машварати коршиносони мустақил, аз ҷумла оид ба масъалаҳои техникии аудит ҷалб намоянд.

• МОА натиҷаҳои санҷишҳо «аз рӯи мақом баробар» ва инчунин андешаҳои коршиносони мустақили хориҷиро нашр мекунанд.

• МОА метавонад аз санҷишҳои муштарак ё мувозӣ истифода баранд.

• Бо роҳи беҳтар кардани сифати кори худ, МОА дар баланд бардоштани зарфияти

касбии менеҷменти молиявӣ кӯмак мерасонад.